«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________Раҳмон Д. С.
«____»____________соли 2023

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна таҳти унвони «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Ҳусайнова Фарида Бозоровна соли 2015 ба зинаи докторантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад. Ӯ соли 2013 зинаи бакалаври факултети филологияи хориҷӣ ва соли 2015 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Ҳангоми таҳсил дар зинаи докторантура (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нақшаи илмиро аз бар намуда, маълумотномаи академиро оид ба фанҳои

азбарнамуда ва супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ (комплексӣ) соли 2018 гирифтааст.

**Роҳбари илмӣ**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Холиқзода Айниддин мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯзи 29.12.2015, қарори №5 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи вижагиҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар асоси маводҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Диссертатсия таҳқиқи муқоисавии категорияи шахсу шумораи феъл, омӯзиши роҳҳои ифодашавӣ ва баррасии хусусияти онҳоро фаро гирифтааст.

Таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии феъл муддати зиёдест, ки диққати олимон, махсусан, забоншиносонро, ба худ ҷалб намудааст. Ҳамзамон, типологияи муқоисавӣ як соҳаи илми забоншиносиест, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ аҳаммияти калон дорад, зеро монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ он ба ташаккули забоншиносӣ мусоидат менамояд. Дар илми забоншиносӣ (лингвистика)-и тоҷик, дар баробари дастовардҳои муайян дар омӯзиши типология, баъзе масъалаҳо то ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи **“Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ”** муҳим ва сариваҳтӣ мебошад. Илова бар ин, таҳқиқи категорияи шахсу шумораи феъл дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ аҳаммияти хоссаро касб намуда, он дар давраҳои бостон, миёна ва муосир баррасӣ шуда, роҳҳои ифодашавии категорияи шахсу шумора дар забони англисии муосир муайян шудаанд.

Муҳиммияти мавзуъ, пеш аз ҳама, дар набудани пажуҳиши мукаммали муқоисавӣ дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли

забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” зоҳир мегардад.

Таҳқиқи феъл ва категорияи шахсу шумора, аз ҷумла дар забони англисӣ аз масъалаҳои баҳсталаби илми забоншиносии муосир ба шумор рафта, дар системаи феъл категорияи грамматикии шахсу шумора ниёз ба пажуҳиши мукаммал дорад. Аз таҳқиқи асарҳои илмии соҳаи забоншиносӣ бар меояд, ки ҳатто дар бисёр мавридҳо худи санади аз байн рафтани категорияи шахсу шумора дар забони англисӣ мавзуи баҳс гардида буд. Ҳалли ин масъала на фақат барои забоншиносии англисӣ, балки дар маҷмуъ барои забоншиносии муқоисавӣ мубрам мебошад.

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ додани таҳлили ҳаматарафа ва пурраи муқоисавию типологии хусусиятҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар натиҷаи он хусусияти умумӣ ва фарқкунандаи категорияи шахсу шумора дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян мегардад. Омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ, муайян намудани ҷанбаҳои таърихӣ, тағйиру иловаҳо дар давраҳои таърихӣ, мавриди баррасии амиқ қарор додани категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони англисӣ, аз вазифаҳои асосии таҳқиқот ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– тасрифи бандакҳои шахсӣ дар давраҳои бостон, миёна ва муосир дар забонҳои муқоисашаванда;

– муқоисаи асосҳои феъл дар давраи муқаддами забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва англисӣ;

– муайян кардани моҳияти ҷузъҳои таркибии шаклҳои аналитикии феъл ва бандакҳои феълӣ, ки ин масъала дар илми забоншиносии муқоисавӣ баҳснок маҳсуб меёбад ;

– таҳлили маънои шаклҳои шахсдори феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– таҳқиқи пайдоиш ва инкишофи бандакҳои феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

– нишон додани хусусиятҳои категорияи шахсу шумора дар системаҳои грамматикии феъл дар забонҳои муқоисашаванда;

– таҳлил ва муайян намудани омилҳое, ки ба мавҷуд будан ва ё набудани ҳаммаъноӣ (эквивалентнокии) категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ далолат менамоянд;

– муайян кардани воситаҳои дигари грамматикӣ ва лексикии давраҳои таърихии категорияи шахсу шумора дар системаи феъли забонҳои муқоисашаванда ва мақому вазифаҳои асосии онҳо;

– муайян кардани воситаҳои асосии тарҷумаи бандакҳои феълӣ аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва аз забони англисӣ ба тоҷикӣ, бо назардошти он ки аз ҷиҳати шумора ва маъно на ҳама вақт бандакҳои ҳарду забон бо ҳам мувофиқат мекунанд;

– муайян кардани омилҳо ва қоидаҳои истифодабарии категорияи шахсу шумораи феъл дар давраҳои бостон, миёна ва муосир дар забонҳои таҳқиқшаванда.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои таҳқиқро асарҳои олимони барҷастаи тоҷик ва англис, аз қабили О.С. Ахманова, Л.С. Бархударов, А.И. Смирнитский, Б. Сиёев, С. Ҳалимиён, М.Н. Қосимова, А.А. Каримова ва дигарон ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳлилу баррасӣ аз сарчашмаҳои забоншиносӣ ва осори бадеии нависандагони англис ва тоҷик бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки бевосита аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва ё аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ, ё ин ки ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, аз қабили «Ёддоштҳо», «Аҳмади Девбанд», «Мактаби куҳна»-и С. Айнӣ, «Аз раҳи раъди ғуррон»-и П. Абраҳамс, «Ҷен Эйр»-и Ш. Бронте, «Ғурмагас»-и Э.Л. Войнич, «Алиса дар олами аҷоибот»-и Л. Каррол, «Ҷазираи ҷавоҳирот»-и Р. Стивенсон, «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей, китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ ҳамчун манбаи таҳқиқи диссертатсия хизмат кардаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкурро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони забоншиноси ватанию хориҷӣ М.Н. Қосимова, С. Ҷоматов, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Ҳ. Саймаҳмадов, З. Мухторов, Ж. Гулназарова, С. Мирзозода, Ҳ. А. Саидов, Р. Шодиев, М. Саломов, Э. Исмоилзода, Р. Усмонов, Ф. Баротов, А. Тошов, Г.Н. Расулова, М.Э. Азизова, М.Н. Усмонова, Л.Ш. Малихина, С.Д. Холматова, Г.Т. Қулматова, Б. Муродов ва дигарон ҳамчун заминаи асосӣ ташкил кардаанд, ки ҳар яке дар баррасӣ ва таҳқиқи ин зуҳуроти забонӣ – феъл арзишманд ба шумор меравconfigure.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Асосҳои методологии таҳқиқоти мазкурро асарҳои илмию методологии олимони забоншинос, ки доир ба таърихи забони адабии тоҷик ва англис, назарияи забон ва вижагиҳои забонии осори манзум таҳқиқоти боарзише ба анҷом расонидаанд, ташкил медиҳад. Ҳангоми таълифи диссертатсия ба асарҳои олимони Русия ва Аврупо, чун В. В. Виноградов, В.Д. Аракин, ба осори забоншиносони тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов такя намудем. Ба ҳамин минвол, омӯзиши вижагиҳои гуногуни ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла феъл заминаи қавии илмӣ дорад ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф гардидаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.**

1. Дар забоншиносии тоҷик аввалин маротиба ба тариқи маҷмуъ ва низомнок мавзуи категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ ба роҳ монда шудааст.

2. Дар хусуси категорияи шахсу шумораи забонҳои муқоисашаванда маълумоти тоза дода шудааст.

3. Бисёрҷанба будани мавзуи феъл бо фарогирии масъалаҳои муқоисавӣ, умумият ва фарқияти шахсу шумораи феълҳо дар диссертатсияи мазкур муайян карда шудааст.

4. Баъзе ҷанбаҳои баҳсбарангези категорияи шахсу шумора дар забони англисӣ дар замони муосир аз нав таҳқиқ шуданд.

5. Як қатор шабоҳату тафовути шахсу шумораи феълҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шуданд.

6. Зимни таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ бори аввал аст, ки маъниҳои асосии луғавӣ, қабатҳои забонӣ ва шаклҳои сохторию таркибии категорияи шахсу шумораи феъл дар асоси муқоиса муайян ва муқаррар карда шудааст.

7. Роҷеъ ба баъзе ҷанбаҳои категорияи шахсу шумораи феълҳои забонҳои муқоисашаванда ақоиди нав изҳор карда шуданд.

8. Дар системаи грамматикии феъли забонҳои муқоисашаванда як қатор муодилҳои нав муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши шаклҳо, маъно ва роҳҳои истифодашавии категорияи шахсу шумора дар ҷумла ва тақвияти роҳу усулҳои таълими мавзуъ мусоидат хоҳад кард. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии мо ба соҳаҳои зерини забоншиносӣ мувофиқат мекунад: таърихи забони тоҷикӣ ва англисӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ ва англисӣ, вожашиносӣ (лексикология), забоншиносии муқоисавӣ (типология).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 9 мақолаю маърузаҳои илмӣ баррасӣ шуда, дар маҷмуаю маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии КОА шомиланд, ба табъ расидаанд.

**Рӯйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ:**

**I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Сохти феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.   Душанбе, 2018 – № 3. – С. 92-96;

[2-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар масири таърих [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 114-121;

[3-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи миёнаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018: – № 6. – С. 173-176;

[4-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи муосир дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018: – № 7. – С. 169-174;

[5-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Шахси сеюми феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. Кӯлоб, 2021 – № 1 (25). – С. 226-234;

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Намудҳои феъл аз рӯи сохт дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Маводи конфронси байналмилалии “20-солагии ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2017 – соли ҷавонон дар мавзуи «Рушди илм, инноватсия ва технологияҳо – асоси таъмини гузариш аз минтақаҳои аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ» ва дар доираи конференсия сеюмин форуми илмии байналмилалии «Ҷавонон нерӯи зеҳнии рушди кишвар» (ДТМИК) (29-30.05.2017). Душанбе, «Промэкспо», 2017. – С. 45-47.

[7-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // (Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии “Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими он”. (ДМТ). – Душанбе, 2019. – С. 129-137.

[8-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Забонҳои форсӣ-тоҷикии бостон ва англисии бостон дар ифодаи категорияи шахсу шумораи феъл ва истифодаи он дар замони муосир [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // (Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ), (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе, – 2019; № 2 (23). – С. 89-94.

[9-М]. Ҳусайнова, Ф. Б. Вижжагиҳои сохторӣ-маъноии шахси дуюми феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ф. Б. Ҳусайнова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии “Ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” (ДДК, 11-14.04.2023). – Душанбе, ҶДММ “Истиқлол-2019”. – С. 348-350.

Аз натиҷаи баррасии пешакии тадқиқоти диссертатсионии диссертант Ҳусайнова Ф. дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин:

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзӯи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), хулосаи роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Холиқзода Айниддин ва арзёбии баромадкунандагон – номзадони илмҳои педагогӣ Шарипов Х.А. ва номзади илмҳои филологӣ Муродов Б. ба инобат гирифта шавад.
2. Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзӯи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) –

Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), пешниҳод гардидааст, кори ба итмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шавад.

3. Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзӯи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барои ташхис пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз “27” сентябри соли 2023, протоколи №2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 17 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи забонҳои
хориҷии ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ: Шарипов Х. А.

**Котиби илмӣ**, ассистент: Бобоев Р.

«Имзоҳои Шарипов Х.А. ва Бобоев Р.-ро тасдиқ менамоям»
**Сардори раёсати кадрҳо**
ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф. А.
«29» сентябри соли 2023

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел. (+992 33 22) 2-35-07, 918 28 51 55
E-mail: info@kgu.tj